**ХУЛОСАИ**
**ШӮРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА–028-И НАЗДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ**
**дар бораи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ)**

Парвандаи аттестатсионии №______

**Қарори Шӯрои диссертатсионӣ аз 7 январи соли 2021**

Барои сазовор донистани Юсупов Шоҳин Раҳимбердиевич, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ).

Диссертатсияи Юсупов Шоҳин Раҳимбердиевич дар мавзӯи “Хусусиятҳои морфологии “Ҷомеъ-ут-таворих” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) аз тарафи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-028-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121) барои ҳимоя пазируфта шудааст (Қарори №19, аз 17. 09. 2020).

Диссертант Юсупов Шоҳин Раҳимбердиевич, соли таваллудаш 1990, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, аъзои ҲХДТ, оиладор.

Диссертант соли 2012 шуъбаи рӯзонаи факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи акдемик Бобоҷон Ғафуровро бо дипломи дараҷаи бакалавр, ихтисоси забон ва адабиёти тоҷик хатм намуда, солҳои 2012-2014 дар бахши магистратураи донишгоҳи мазкур таҳсил намуда, соҳиби дипломи дараҷаи магистрӣ гардидааст.

Соли 2015 ба шуъбаи докторантураи назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ дохил шуда (фармони дохилшавӣ- № 432-ОД аз 03.10.2015), онро соли 2018 (фармони хатм - № 395-ОД аз 03.07.2018) хатм намудааст.

Аз сентябри соли 2017 ба ҳайси ассистенти кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ фаъолият дорад.

Диссертатсия дар кафедраи назария ва амалияи забоншиносӣ иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ: Мирбобоев Азизхон**, номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

**Муқарризони расмӣ:**

**Шарипова Фарангис Худоиевна** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**Юсупов Абдулло Исмоилович** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино

**Муассисаи пешбар:** Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдулло Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

**Номгӯи муҳимтарин корҳое, ки муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд, чунин аст: А) Мақолаҳои илмие, ки дар нашрияҳои тақризии бонуфузи тавсияшудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми Федератсияи Русия ба табъ расидаанд:**

[1–М]. Юсупов Ш. Р. Хусусиятҳои луғавию семантикии шумора дар “Ҷомеъ-ут-таворих” / Ш. Р. Юсупов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2017. – № 4. С. 53- 55.

[2–М]. Юсупов Ш. Р. Ҷамъбандии исм ва роҳҳои ифодаи он дар “Ҷомеъ-ут-таворих” / Ш. Р. Юсупов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2018. – № 1. С. 88-93.

[3–М]. Юсупов Ш. Р. Мавқеи истифодаи ҷонишинҳои шахсӣ дар “Ҷомеъ-ут-таворих” / Ш. Р. Юсупов // Паёми Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон. – 2018. – № 1. С. 50-55.

[4–М]. Юсупов Ш. Р. Хусусиятҳои морфологии пешояндҳо дар “Ҷомеъ-ут-таворих” / Ш. Р. Юсупов // Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2019. – № 1. С. 175-180.

[5–М]. Юсупов Ш. Р. Хусусиятҳои корбурди сифат дар “Ҷомеъ-ут-таворих” / Ш. Р. Юсупов // Паёми Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон. – 2019. – № 3. С. 56-59.

**Б) Мақолаҳое, ки дар нашрияҳо ва маҷаллаҳои илмӣ ба табъ расидаанд:**

[1-М]. Юсупов Ш. Р. Ифодаи категорияи муайяниву номуайянии исм дар “Ҷомеъ-ут-таворих” / Ш. Р. Юсупов // Муҳаққиқ. – 2016. – № 15 (15) – С. 74-78. (ба забони тоҷикӣ)

[2-М]. Юсупов Ш. Р. Категорияи муайяниву номуайянии исм дар “Ҷомеъ-ут-таворих” / Ш. Р. Юсупов // Паёми донишкадаи ҳарбӣ. 2016. – № 4 (10) С. 35-37. (ба забони тоҷикӣ)

[3-М]. Юсупов Ш. Р. Хусусиятҳои сарфии шумора дар “Ҷомеъ-ут-таворих” / Ш. Р. Юсупов // Забон-рукни тоат. – Маҷаллаи илмӣ–назариявӣ. Китоби даҳум. –Душанбе: Балоғат, 2017. С. 155-164. (ба забони тоҷикӣ)

[4-М]. Юсупов Ш. Р. Хусусиятҳои сарфии сифат дар “Ҷомеъ-ут-таворих” / Ш. Р. Юсупов // Забон - ҳастии миллат. – (маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ “ Масъалаҳои сарфи забони тоҷикӣ ва усули таълими онҳо”) –Душанбе: Матбааи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2019. С. 123-129. (ба забони тоҷикӣ)

**Дар тақризи муассисаи пешбар –** Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдулло Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон зикр гардидааст, ки муаллиф дар муқаддима ва бобҳои *ҷудогонаи диссертатсия* тавонистааст, иттилооти арзишмандеро дар бораи хусусиёти морфологии асари таҳқиқшаванда фароҳам оварад ва маҳз аз ҳамин ҷиҳат диссертатсияи Ш. Юсупов кори илмии бaанҷомрасида буда, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Фишурдаи

диссертатсия ва мақолаҳое, ки докторанти PhD дар маҷаллаҳои илмии таъйиднамудаи КОА чоп кардааст, муҳтавои диссертатсияро инъикос намудаанд. Бинобар ин, диссертатсияи Юсупов Шоҳин Раҳимбердиевич ҳамчун кори илмии анҷомёфта буда, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) сазовор аст. Бо вуҷуди нишон додани муваффақиятҳо дар тақриз ҳамчунин ба баъзе нуқсонҳо ишора гардидааст:

1. Дар қисмати муқаддамотӣ, дар банди сохтори диссертатсия агар дар бораи масъалаҳои баррасишудаи муқаддима ва бобҳо маълумоти мухтасар дода мешуд, аҳамияти илмии корро афзун месохт.

2. Иқтибосҳо ва қоидаҳои маъмул, ки дар бораи ҳиссаҳои нутқ мавҷуданд, зиёд ба мушоҳида мерасад. Ба ҷойи онҳо, агар мисолҳо аз "Ҷомеъ-ут-таворих" бештар таҳлил мешуд, беҳтар буд.

3. Бештари иқтибосҳо дар нохунак гирифта нашудаанд ва оғозу анҷоми онҳо дақиқ нест. Пеш аз овардани иқтибос, мувофиқи қоида, аввал ду нуқта гузошта мешавад, пас аз он нохунак кушода шуда, бо ҳарфи калон оғоз мегардад ва дар охир нохунакро пӯшида, баъд сарчашмаро нишон медиҳанд, ки дар якчанд маврид ин қоида риоя нашудааст.

4. Дар баъзе саҳифаҳои диссертатсия муҳаққиқон дар шакли ҷамъ омада, сарчашмаи он дар шакли танҳо нишон дода мешавад (саҳ. 35, 40, 41, 47, 56, 65).

5. Муҳаққиқ иқтибосеро аз асари Б. Сиёев, ки ӯ ҳам иқтибосро аз сарчашмаҳои дигар истифода кардааст, чунин овардааст: "Оид ба таърихи пайдоиш ва шаклгирии вожаи *ҳамгинон* муҳаққиқон Патс ва Ринкинг чунин андеша доранд" гуфта, андешаи онҳо оварда мешавад, вале дар сарчашма Б. Сиёев ишора шудааст (саҳ. 65).

6. Боби сеюм "Хусусиятҳои морфологии ҳиссаҳои ёвар" номгузорӣ шудааст, ба андешаи мо, "Вижагиҳои морфологии ҳиссаҳои ёвари нутқ" унвон мегирифт, хубтар ва дақиқтар ба назар мерасид.

7. Дар рӯйхати адабиёт ҳам баъзе камбудиҳо роҳ ёфтааст: а) миқдори саҳифаҳои баъзе асарҳо дар рӯйхати адабиёт нишон дода нашудааст; б) ҷои нашри баъзе сарчашмаҳо маълум нест; в) хронология риоя нагардидааст; г) дар бархе ҷойҳо тартиби алифбо низ вайрон шудааст.

8. Дар рӯйхати адабиёт гуногунрангӣ ба мушоҳида мерасад: а) Автореф. дисс. канд. фил. наук. (саҳ. 138, 139); б) Автореф. дис. канд. филол. наук. (саҳ. 139); в) Автореф. канд. дис. (саҳ. 138, 139); г) Автореф. канд. дисс. (саҳ. 139, 141);

9. Ғалатҳои имлоӣ, техникӣ ва услубиву мантиқӣ (саҳ. 4, 7, 13, 15, 20, 21, 22, 31, 35, 40, 41, 44, 47, 50, 51, 52, 53, 56, 65, 67, 69, 72, 75, 83, 86, 90, 91, 95, 96, 108, 112, 113, 114, 117, 118, 119) мушоҳида мешаванд.

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳои зерин ворид шудаанд:**

Тақризи **Ҳасанзода Абдуҷамол** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи забони тоҷикии ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров, **Олимҷонов Мӯсо** - номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикии ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров. Тақриз мусбат буда, дар он зикр шудааст, ки сарфи назар аз ҳама муваффақият ва дастовардҳо, дар автореферати диссертатсия баъзе камбудӣ ва норасоиҳо ба назар расиданд, ки номбар намудани онҳо ба фоидаи кор хоҳад буд:

-Дар вожаҳои "борандагӣ" ва "дилмондагӣ" пасванди **–гӣ** аслан исми маънӣ ташаккул додааст, на чунонки муҳаққиқ мегӯяд, сифати феълӣ, ки "хусусияти сифати феълии худро аз даст дода, ба вазифаи исмҳои маънӣ ба кор меравандˮ (с. 17);

-Зерфасли мансуб ба сиғаи эҳтимолии феъл (2.1.3.4.) бидуни мисол бо ҷумлаҳои умумӣ ҷамъбаст гардидааст, ки, гумонамон, кушодани вижагиҳои ҳамин сиғаи феъл дар заминаи маводи "Ҷомеъ-ут-таворихˮ ҷолиб мебуд;

-Дар рисола ҳамгунии истилоҳот ба назар намерасад, чун "забони адабии тоҷикӣ-форсӣˮ, "забони тоҷикӣˮ, "забони форсии дарӣˮ ва ғ.;

-Дар автореферати диссертатсия ғалатҳои услубӣ (с. 9, 17), имлоӣ (с. 7, 9, 13, 14, 22, 24), китобӣ (с. 4, 6, 8, 10, 17);

Тақризи **Аламшоев Муқбилшо** - доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забонҳои шарқи Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев мусбат буда, баъзе нуктаҳои баҳсталаб ба мушоҳида мерасанд, киислоҳи минбаъдаи онҳо боиси болоравии ҳусни таҳқиқот хоҳад гардид:

-Ҳангоми таҳлилу баррасии ҷанбаҳои морфологии осор дар баъзе саҳифаҳо мисолҳо нишон дода нашудааст (с. 8, 10 ва ғ);

-Баъзе саҳифаҳои матни тоҷикӣ ва русии автореферат таҳрирталаб мебошанд (с.4, 6, 28, 34);

-Дар автореферати рисола баъзе ғалатҳои имлоиву услубӣ ва техникӣ (с. 12, 16, 19 ва ғ.) ба назар мерасанд.

Тақризи **Мухторов Зайниддин** – доктори илмҳои филологӣ, Сардори раёсати робитаҳои байналмилалии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мусбат буда, зикр мегардад, ки баъзе нуқсонҳо ба назар расиданд, ки ислоҳи саривақтии онҳоро ба манфиати кор медонем:

-Муҳаққиқ дар мавридҳои муайян ибрози ақида намуда, андешаҳои худро бо далелу мисолҳои ҷолиб аз асари мавриди таҳқиқ меоварад, вале дар ҳолатҳои ҷудогона мисолҳо оварда нашудаанд ва гоҳо мисолҳои овардашуда нокифоя ба назар мерасанд;

-Дар саҳифаҳои ҷудогонаи автореферати диссертатсия ғалатҳои китобатӣ (саҳ. 5, 9, 13, 16, 19, 22) ва имлоӣ (4, 6, 10, 14, 18, 21, 22) ба назар мерасанд.

Тақризи **Қурбонмамадов Сомон** - номзади илмҳои филологӣ, муовини ректори Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон оид ба тарбия ва фарҳанг мусбат буда, дар он ҳамчунин баъзе камбудиҳо таъкид гардидаанд:

-Миқдори иқтибосҳо дар автореферат кам оварда шудааст, хуб мешуд, барои тақвияти фикр аз иқтибосҳо бештар истифода гардад;

-Дар баъзе саҳифаҳои автореферат ғалатҳои имлоиву китобатӣ ба назар мерасанд (саҳ. 14, 19, 23).

Тақризи **Давлатов Эраҷ** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, мусбат буда, дар он ба камбудиву норасиҳо ишора шудааст:

-Хуб мешуд, муаллифи диссертатсия оид ба хусусиятҳои морфологӣ маълумоти муфассал диҳад;

-Дар фишурдаи рисола, ғалатҳои имлоӣ ва китобатӣ ба мушоҳида мерасанд.

Муқарризони расмӣ дар баробари ошкор намудани баъзе нуқсонҳои автореферати диссертатсия (тоҷикӣ ва русӣ) муҳимияти ҷанбаҳои назариявию амалӣ, навоварӣ ва дастовардҳои шоёни муаллифи диссертатсияро низ таъкид кардаанд.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевосита дар соҳаи таърихи забон, забоншиносии синхронӣ ва забоншиносии муқобалавӣ буда, дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф карданд, ки мазмун ва муҳтавои онҳо ба мавзӯи диссертатсияи мазкур наздикӣ дорад. Муассисаи пешбар яке аз муассисаҳои бонуфузи илмии соҳаи филология дар ҷумҳурӣ ба ҳисоб рафта, бо мутахассисони варзидаи худ дар самти таҳқиқу таҳлили масоили умдаи забоншиносии синхронӣ ва забоншиносии муқоисавӣ хеле маъруф гардидааст.

Шӯрои диссертатсионӣ таъкид менамояд, ки унвонҷӯ дар асоси маводи зарурӣ ва фаровон хусусиятҳои морфологии “Ҷомеъ-ут-таворих”-ро ба таври амиқ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор додааст.

**Аҳамияти назарии диссертатсия** дар он зоҳир мешавад, ки корбурди имконоти морфологии забони адабии тоҷик дар асари таҳқиқшаванда ва муайян намудани хусусиятҳои сохтори сарфии забони адабии тоҷикӣ ин асар аз муҳимтарин хулосаҳои назариявие мебошад, ки ҷойгоҳи осори мансури асрҳои XIII-XIV-ро дар инкишофи системаи морфологии забони тоҷикӣ муайян менамояд. Нуктаҳои назариявие, ки аз хулосаҳои пажӯҳиш дар асоси он ҳосил шудаанд, метавонанд, дар таҳқиқи хусусиятҳои грамматикии асарҳои мансури мансуб ба дигар давраҳои таърихи забони тоҷикӣ мавриди истифода қарор гиранд.

**Аҳамияти амалии натиҷаи пажӯҳиш** дар он зуҳур меёбад, ки натоиҷи диссертатсияро дар раванди таълими дарсҳои назариявию амалии таърихи забони адабии тоҷик ва грамматикаи таълимии ин забон, ҳамчунин зимни таҳияи китобҳои дарсии грамматикаи забони адабии тоҷикӣ ва дастуру воситаҳои таълимӣ метавон истифода намуд.

**Усулҳои таҳқиқот.** Мутобиқ ба ҳадафи таҳлили ҳамаҷонибаи забоншиносӣ ва ошкор намудани хусусиятҳои морфологии "Ҷомеъ-ут-таворих", дар диссертатсия маводи гирдомада бо усули синхронӣ ва дар мавридҳои лозимӣ бо усули муқоисавӣ-таърихӣ ва муқобалаии таҳлили сохторӣ, луғавӣ-маъноӣ ва решашиносӣ таҳия гардидааст.

**Нуктаҳои ҳимояшавандаи диссертатсия**:

1. Фарқияти хусусиятҳои сарфии рисолаи Рашидуддин Фазлуллоҳи Ҳамадонӣ аз осори дигари таърихие, ки бо забони тоҷикӣ-форсӣ таълиф шудаанд, нишон дода мешавад.

2. Таҳқиқот дар ин замина ба исбот мерасонад, ки баррасии хусусиятҳои забонии осори алоҳидаи марҳилаҳои гуногуни инкишофи забони тоҷикӣ барои муайян намудани раванди ташаккул ва таҳаввули забон муфид ба ҳисоб меравад.

3. Пажӯҳиши хусусиятҳои сарфии асар барои таҳқиқоти минбаъдаи хусусиятҳои забонии осори таърихӣ замина мегузорад.

4. Бар асоси далелҳои забонӣ вазъияти забони адабии тоҷикро дар яке аз марҳилаҳои инкишофи забони тоҷикӣ (садаҳои XIII-XIV) муайян намуда, устувории хусусиятҳои грамматикии забони тоҷикиро исбот менамояд.

5. Зикр мегардад, ки муаллифи "Ҷомеъ-ут-таворих" Рашидуддин Фазлуллоҳи Ҳамадонӣ барои пешрафти илму адаби тоҷикӣ-форсӣ дар садаҳои XIII-XIV саҳми арзишманд дорад, зеро ӯ тавонист анъанаҳои таърихнигории тоҷикиро дар муҳити дузабонӣ (билингизм) идома диҳад.

**Саҳми фардии муҳаққиқ** дар он зуҳур меёбад, ки ӯ дар асоси маводи фаровон мавзӯи мазкурро бори нахуст мавриди таҳқиқу баррасии илмӣ қарор додааст. Ӯ зимни таҳқиқи хусусиятҳои забонии асар категорияҳои морфологии ҳиссаҳои номӣ, феълу зарф ва ҳиссаҳои ёридиҳандаи нутқро муайян намуда, умумият ва фарқи хусусиятҳои дастурии забони осори садаҳои XII-XIV-ро аз забони меросии хаттии қаблӣ ва забони адабии муосири тоҷикӣ нишон додааст.

Ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА–028-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ рӯзи 7 январи соли 2021 дар бораи ба Юсупов Шоҳин Раҳимбердиевич додани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) қарор қабул кард.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шӯрои диссертатсионӣ аз шумораи умумии 17 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионӣ, ___ нафар иштирок дошт, ки аз ин 5 нафар аз рӯйи ихтисоси 10.02.22 – Забонҳои мардумони кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (забони тоҷикӣ) мебошанд, дар ҷаласа иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - ___ нафар, «зид» - нест, «бюллетени беэътибор» - нест.

Шӯрои диссертатсионӣ баромади Юсупов Шоҳин Раҳимбердиевич дар мавзӯи "Хусусиятҳои морфологии "Ҷомеъ-ут-таворих" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ), тақризи муассисаи пешбар, баромади муқарризони расмӣ – доктори илмҳои

филологӣ Шарипова Фарангис Худоиевна, номзади илмҳои филологӣ Юсупов Абдулло Исмоилович ва баромади муқарризони ғайрирасмиро шунида, муҳокима карда, дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи диссертант

**қарор қабул мекунад:**

1. Диссертатсияи Юсупов Шоҳин Раҳимбердиевич дар мавзӯи "Хусусиятҳои морфологии "Ҷомеъ-ут-таворих" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) ба талаботи банди 2 ва зербандҳои 10 ва 11 "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)"-и Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми октябри соли 2016, № 505 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад.
2. Мақолаҳои илмии чопшудаи муҳаққиқ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд.
3. Ба Юсупов Шоҳин Раҳимбердиевич дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) дода шавад.
4. Аз Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда мешавад, ки ба Юсупов Шоҳин Раҳимбердиевич дипломи дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ)-ро диҳад.

Раиси Шӯрои диссертатсионӣ
доктори илмҳои филологӣ, профессор Худойдодов А.

Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ
номзади илмҳои филологӣ, дотсент Мирзоалиева А.Ш.

**7 январи соли 2021**